Озмуни «Забон – пояи миллат» қамъбаст гардид

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 15 Ноябр, 2019 - 15:57
[1]

Ба ифтихори Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумита рӯзи 15-уми ноябр мизи мудаввар баргузор намуд, ки дар он Раиси Кумита, муовини раис ва кормандони Кумита Умарова Ш. ва Ятимзода М. бо маърӯзаҳои пурмуҳтаво доир ба корнамоиҳову фаъолияти

пурсамари Президенти кишвар дар рушди Тоҷикистон ва мақоми он дар арсаи байналмилалӣ, хусусан дар таҳкиму инкишофи забони давлатӣ ва арҷгузорӣ ба забони миллӣ баромад карданд.

Ҳамзамон, дар ин рӯзи фархунда ва муборак озмуни Кумита, ки бахшида ба 10-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти унвони «Забон – пояи миллат» эълон гардида буд, ҷамъбаст шуд.

Комиссияи тадорукоти озмун ҷойҳои ишғолнамудаи довталабонро барои ҳозирин эълон дошта, ғолибонро бо Диплом ва Сипоснома қадрдонӣ намуд.

Аз рӯи шарти «Мақолаи илмӣ»:
- диплом ба узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзо Ҳасани Султон барои ишғоли ҷойи аввал бо мақолаи «Пешвои миллат ва пешрафти забони тоҷикӣ»;
- диплом ба Нуралиев Абдубосит Фазлиддинович барои ишғоли ҷойи дуюм бо мақолаи «Шоҳасаре, ки забонаш ба ҳама порсизабонон ошно аст»;

Аз рӯи шарти «Мақолаи илмӣ-оммавӣ»:
- диплом ба Садриддин Ҳасанзода барои ишғоли ҷойи аввал бо мақолаҳои «Хат – таърих…», «Озмоишгоҳи таърих», «Баҳс», «Чаро лотинӣ?», «Ҳомии забон кист?»;

Аз рӯи шарти «Иншои беҳтарин»:
- диплом ба Байзоев Азим барои ишғоли ҷойи аввал ба иншо таҳти унвони «Як лаҳза дар фикри мо бошед! (Номаи Манижаи 7-сола ба падару модарон ва бобою бибиҳо)»;

Аз рӯи шарти «Шеъри беҳтарин»:
- диплом ба Рустами Ваҳҳоб барои ишғоли ҷойи аввал;
- диплом ба Нуриддин Амриддин барои ишғоли ҷойи дуюм;

Ҳамчунин, Сипосномаҳо ба шахсони зерин тақдим шуданд:
- Муҳаммадалӣ Саидмуродов - омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Варзоб (барои мақолаи «Забон – пояи давлат»);
- Ҳакималӣ Назаралиев - омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-и деҳаи Ғуриёти шаҳри Ҳисор (барои мақолаи «Забони модарии ман»);
- Суяров Қурбон - омӯзгори фанни химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (барои мақола «Химия ё қимиё»).

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- Забони тоҷикӣ [4]
- Мақолаҳо [5]
- Фаъолият [6]

-

Манбаъ::http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/ozmuni-zabon-poyai-millat-chambast-gardid?mini=2025-01&page=38

Пайвандҳо
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/Ozmun-1.jpg [2] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE [3] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [4] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D3%A3 [5] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE [6] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82 [7] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/Ozmun-1.jpg [8] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/Ozmun-2.jpg [9] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/Ozmun-3.jpg